*ТДУ 82*
*ТКБ 83,3(03)*

# *ШЕЪР ВА ШОИРӢ АЗ НИГОҲИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ*

***Маҳмудзода Обидҷони Бекназар,*** *номзади илмҳои филология, сармуаллими кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *ПОЭЗИЯ И СТИХОТВОРЧЕСТВО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ НАЗИРИ НИШАПУРИ*

***Махмудзаде Обиджони Бекназар,*** *кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни (Таджикистан, Душанбе)*

# *POEM AND POETRY UNDER NAZIRI NISHOPURI`S ANGLE*

***Mahmudzoda Obidjoni Beknazar,*** *candidate of philological sciences, lecturer of department of theory and history of literature under Tajik State pedagogical University named after S. Ayni (Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail:*** *mirobid-26@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Назирии Нишопурӣ, шеър, шоирӣ, ҳунари шоирӣ, мадҳ, илҳом, афкори адабӣ*

*Дар мақола масъалаи шеъру шоирӣ аз нигоҳи Назирии Нишопурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нахуст, муаллиф барои тайини дидгоҳҳои Нвзирӣ дар бораи шеър кӯшидааст, ки афкори мутафаккирони гузашта ва шоиронро ба риштаи таҳқиқ кашида, шеваи Назириро дар шинохти шеър муқаррар созад. Бар асоси таҳқиқоти анҷомдода чунин натиҷагирӣ шудааст, ки Назирии Нишопурӣ ба андешаи он, ки шеър сарчашма дар илҳом дорад, мувофиқ аст ва мартабаи шоириро дар ҷомеа бар асоси он ки илҳом ва ваҳй аз сарчашма ҳастанд, поинтар аз мартабаи паёмбарӣ медонад. Таъкид шудааст, ки шоир чун дигар суханварон назари хоси хешро дар бораи шеър ва шоирӣ дорад ва мулоҳизаҳояшро дар бораи шеъру шоирӣ дар як қасида ба таври алоҳида баён доштааст. Ҳамзамон, афкори адабии Назирӣ дар бораи шеъру шоирӣ бо нақду баррасии ашъори шоирони гузашта низ баён шудааст, ки ӯ дар баробари сарфи назар накардан аз таъсирпазирии хеш аз шоирони гузашта, дидгоҳҳои хешро роҷеъ ба шеъри шоирони пешин низ баён доштааст.*

***Ключевые слова:*** *Назири Нишапури, поэзия, стихотворчество, поэтический дар, восхваление, вдохновение, литературные взгляды*

*В статье рассматриваются взгляды Назири Нишапури относительно поэзии и поэтического творчества. Автор статьи, прежде всего, попытался выявить точку зрения мыслителей и поэтов прошлого по этому вопросу, чтобы установить способы и методы, которыми Назири руководствовался при формировании своих взглядов на поэзию. На основе проведенного анализа автор статьи приходит к выводу о согласии Назири Нишапури с утверждением, что источником стихотворчества является вдохновение, а поэт, творчество которого основано на вдохновении, занимает в обществе второе место после пророка. Назири, как и другие поэты, имеет собственную точку зрения относительно поэзии и поэтов и выражает свои литературные взгляды в отдельной касыде. Высказывая свою точку зрения о поэзии и поэтах, Назири, не отрицая влияния поэтов прошлого на свое творчество, выражает свои критические взгляды об их стихотворениях.*

***Key words:*** *Naziri Nishopuri, poem, poetry, poetic mastership, praise, inspiration, literary thought*

*The article dwells on the issue beset with poem and poetry under Naziri Nishopuri`s angle. Initially, the author of the article makes an endeavor to canvass past thinkers` and poets` views in order to determine Naziri`s ones dealing with poem and establishment of Naziri`s style of poetic recognition being taken into account as well. Proceeding from this consideration the author comes to the conclusion that Naziri Nishopuri agrees with the idea that poem is considered to be as a source of inspiration and he considers the poet`s status in society to be inferior to the prophet`s one that of is testimony of inspiration and revelation traced back from a source, on the whole. The mentioned poet like other men-of-letters has his own views on the theme explored and expresses his views on the former separately. At the same time, Naziri`s literary views on the latter have been expressed by dint of the past poets` reviews, who in addition being influenced by the past poets earlierly, indeed.*

Аз оғози зуҳури адабиёти тоҷик шоирон дар баробари баёни мулоҳизаҳои хеш роҷеъ ба масоили мухталифи сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву маърифатӣ ҳосили шинохти хеш аз шеъру шоириро баён доштаанд. Ба таъбири дигар, дар баробари мутафаккирону файласуфон шоирон низ нақду назарҳои хешро дар бораи шеър маҳз тавассути ашъори хеш баён доштаанд. Арастуро донишмандон яке аз аввалин мутафаккироне медонанд, ки дар бораи шеър ва чигунагии пайдоиши он мулоҳизаронӣ намудаст. Ӯ дар китоби худ «Фанни шеър» оид ба пайдоиши шеър ва навъҳои он чунин менависад: «Чунонки маълум аст, пайдоиши шеър ду сабаб дорад ва ҳар ду сабаб ҳам табиист. Якум, тақлид овардан ба одамон аз хурдсолӣ сар мезанад ва онҳо аз ҳайвонот ва дигар ҷонварон бо ҳамин фарқ мекунанд ва ба тақлидкорӣ қобилияти зиёдтаре доранд. Ба туфайли ҳамин ҳам нахуст дониш ҳосил мекунанд. Дуюм, самараи тақлид ба ҳама лаззат мебахшад. Инро далеле собит месозад, ки воқеан ҳам рух доданаш мумкин аст: ба он чизе, ки аз диданаш кас нафрат мекунад, мо сурати аксёфтаи онро бо ҳавас тамошо мекунем. Мисол, сурати ҳайвоноти даҳшатбор ва ҷасади беҷони онҳоро» [1, с.18] .

Дар идомаи таҳаввули афкори адабии мутафаккирони халқи тоҷик низ ин дидгоҳҳои Арасту аз ҷониби Форобиву Ибни Сино ва дигарон истиқбол шудааст, ки маҷмӯан шеърро тақлид аз табиат ва каломи мухайял донистаанд, ки мулоҳизаҳои ин донишмандон дар таҳқиқоти чанде аз донишмандони точик, чун Худоӣ Шарифов [6], Абдунабӣ Сатторзода [4] ва дигарон баррасӣ шудааст.

Дар таърихи адабиёти тоҷик, аксари шоирон низ мулоҳизоти хешро оид ба шеър тавассути каломи мавзун баён доштааст.

Назирии Нишопурӣ низ чун шоирони дигар назари хосе ба шеъру шоирӣ дорад ва бештар бо такя бар изҳори дидгоҳҳои махсус дар бораи сурудаҳои хеш ин мулоҳизотро баён доштааст. Мусаллам аст, ки чунин шеваи фахриясароӣ аз шоирӣ ва баҳои баланд додан ба шеъри худ, ё худ эътирофи ҷойгоҳи шеъри хеш аз ҷониби шоирон дар адабиёти гузаштаи мо низ ривоҷ доштааст. Аз ҷумла, Ҳофизи Шерозӣ фармудааст:

***Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм бар Ҳофиз,***
***Қабули хотири лутфи сухан Худодод аст*** *[7, с.166].*

Ё Камоли Хуҷандӣ фармуда:

***Дар сухан лутфи илоҳӣ ба ту ёр аст, Камол,***
***В-арна сад сол ба фикр ин суханон натвон гуфт*** *[5,с.351].*

Назирӣ ҳам аз роҳи бузургони шеъри Аҷам қадам бардошта, таъкид медорад, ки аз ҳар нусхаи шеъри Назирӣ нофаи Чин хунинҷигар мешавад. Ин латофату назокати сухани шоир дар назар дошта шудааст, ки ҷаззобияти он ба рӯҳияи инсонҳо таъсири матлуб мерасонад ва назари шоир ҳам маҳсули маърифати худи ӯ ва завқи бадеии вай аст.

***Ҳар нусхаи шеъре, ки баровард Назирӣ,***
***Аз ғайрати он нофаи Чин хуни ҷигар гашт*** *[3, с.53].*

Дар байти дигар низ Назирӣ бо камоли ифтихор аз он сухан мекунад, ки аз ҳар мисраи шеърӣ, ки аз ман дӯстону наздикон мехонанд, устоди ман ҳазорон ифтихор хоҳад намуд:

***Ба мисрае, ки надимон зи шеъри ман хонанд,***
***Ҳазор фахр ба ман устоди ман дорад*** *[3,с.92].*

Ин ҷо Назирӣ бо камоли итминон аз асар ва дараҷаи сухани хеш ҳарф мезанад ва бо огоҳии ба худ хос ин матлабро шарҳу тафсир мекунад.

Ҳамин шеваи ифтихор ва шинохти манзалати хеш дар суханварӣ дар қасидае аз ӯ, ки дар мадҳи Наврангхон гуфта шудааст, ба мушоҳида мерасад. Маълум аст, ки сарчашмаи эҷоди ин қасида ношинохтагии қадру манзалати шоир дар ин рӯзгор аст, ки мехоҳад ба ин васила Назирӣ мартабаи худро ба аҳли дарбор ва амирону султонони вакт бишносонад. Аз ин рӯ, бо камоли итминон таъкид медорад, ки ман ба офариниши мӯъҷизаи шеър аз шоирони бартари замони худ ҳастам. Худованд маро ба мақоми расулӣ барнагузид, вагарна то ин мартаба мерасидам. Аммо рутбаи сухани ман дар замона ба ҳадде болост, ки ҷамоли ҷаҳон аз он ороставу пероста гардидааст. Назирӣ мақом ва эъҷози калом ва қариҳаи шоирии хешро ба гунае васф мекунад, ки ба таъкиди худи ӯ агар варақро бифшорам аз оби сухан ҷӯе бишавад ва агар қаламро фишорам, аз мушки сухан тале биофарам:

***Манам ба муъҷизаи шеър афзалушшуаро,***
***Ҳақам расул накард, ар на мешудам мурсал.***
***Рутубтати суханам нашв бар замона кашад,***
***Зи ман ҷамоли ҷаҳон аст пурҳалию хулал.***
***Агар варақ бифишорам, зи об созам ҷӯ,***
***В-агар қалам бифишонам, зи мушк созам тал*** *[3, с.395].*

Назирӣ ҳамчун шоири тозаназар ва намояндаи тарзи тоза ҷонибдори навоварӣ дар шеър аст. Аз ин рӯ, ӯ таъкид дорад, ки ман девони шеъри куҳанро бо фикри нав мешӯям, яъне афкори куҳанро тоза мекунад. Ин ҷо тозагӯиро пеш аз ҳама ӯ дар сароидани қадисаҳои мадҳӣ дар васфи Паёмбар [с]-ро дар

назар дорад, ки дар мисраи дуюм ин матлабро таъкид мекунад, яъне ба андешаи Назирӣ вай дар наъти Хоҷа девонеро месозад, ки дар он сухани ӯ ба фикри тозаву шеърaш нав аст:

***Девони шеъри куҳна бишӯям ба фикри нав,***
***Аз наъти хоҷа наъти мудавван дароварам*** *[3, с.398].*

Афкори адабии Назирии Нишопурӣ дар бораи шеър ва моҳияти асолати он дар қасидае, ки «Дар аз муроҷиати Маккаи муаззама ба Ҳиндустон дар наъти саййидулмурсалин мазил ба мадҳи Абулфатҳ Баҳодур Абдурраҳимхони хонон ибни Байромхон фоиз гардида» унвон дошта аз чаҳор матлаъ иборат аст, баён шудааст. Матлаи сеюми ин қасида «Дар сифати шеър» унвон дорад, ки фарогири диду назарҳои шоир роҷеъ ба каломи мавзун мебошад. Аз ҷумла, Назирӣ шеърро Масеҳи дил унвон мекунад, ки маънии он ҷонаш аст, яъне зиндакунанда ва эҳёгари дил мешуморад, ки шарбати дӯконаш чошнии ошиқист. Ба назар мерасад, ки дар шеър муҳим будани ишқро ба ин васила шоир таъкид медорад:

***Шеър Масеҳи дил аст, маънии ӯ ҷони ӯ,***
***Чошнии ошиқӣ шарбати дуккони ӯ*** *[3, с.417].*

Ба андешаи Назирӣ ҷавҳаре намояндатар аз шеър нест, чун нуктаҳои пинҳон “оинаи фаҳмҳост” Ин ҷо ба назар мерасад, ки Назирӣ бо такя бар дидгоҳҳое, ки роҷеъ ба печидагӣ ва ибҳом дар сабки ҳиндӣ баён шудаанд, матлаберо таъкид медорад, ки ҳеҷ ҷавҳаре намояндатар ва равшантар аз шеър нест ва нуктаҳои пинҳони он нишондиҳандаи фаҳми инсонҳо ба шумор меравад. Агар фаҳму дарки инсони шунаванда ва ё хонанда дар ҷои худ ва сатҳи матлуб бошад, шеър ҳеҷ як нуктаи пинҳон дошта наметавонад ва маърифати он ба фаҳму дарки инсонҳо пайванд мегирад:

***Ҷавҳаре аз шеър нест рост намояндатар,***
***Ойинаи фаҳмҳост нуктаи пинҳони ӯ*** *[3, с.417].*

Аз тарафи дигар фаҳми инсонҳоро дар идроки маъниҳои шоирона Назирӣ нокофӣ медонад ва назараш чунин аст, ки онҳо имкон надоранд, ки то кашфи умқи маъниҳо бирасанд. Аз ин рӯ, изҳор медорад, ки агарчӣ ба ҷавлони фаҳм, яъне фаҳми андаки худ маънии суханро дарёфтаанд, вале ин маърифат ба ҳамон ҳаддест, ки қофиясанҷони ӯ танҳо гирди сухан гаштаанд ва на ба асли матлаб расидаанд:

***Гарчи ба ҷавлони фаҳм пай ба сухан бурдаанд,***
***Гирди сухан гаштаанд қофиясанҷони ӯ*** *[3, с.417].*

Назирӣ сарчашмаи шеърро илҳоми ғайбӣ медонад ва чун Ҳофизу Камол «қабули хотиру лутфи сухан»-ро Худодод мешуморад. Аз ин рӯ, изҳор медорад, ки ваҳй, ки пайванд ба Паёмбарон дорад, андаке авҷро фаротар гирифтааст, яъне то ҷое болотар рафтааст, вагарна ваҳй ва илҳом аз як парда ҳастанд. Ин ҷо они ману они ту гуфтани шоир, ваҳй ва илҳомро дар назар дорад:

***Булбули ваҳй андаке авҷ фаротар гирифт,***
***В-арна зи як пардаанд они ману они ӯ*** *[3, с. 417].*

Ҳолате ҳаст, ки аҳли сухан дунболи кору амалҳои дигар мешаванд ва шеъру шоириро фаромӯш мекунанд ва дар натиҷа ҳунари суханвариашон коста гардида, ба таъбири Назирӣ «аз сухан меафтанд». Дар ин ҳолат маълум мешавад, ки онҳо роҳи худро гум кардаанд ё ба роҳи нодуруст рафтаанд, ки онҳоро шоир қофиясанҷ унвон менамояд. Қофиясанҷ касест, ки бештар аз рӯи ҳавас ба шеъру шоирӣ рағбат пайдо мекунад ва ин амр боис мешавад, ки вай камтар дар арсаи суханварӣ ва сурудани шеъри асил муваффақ гардад:

***Гар ба хаёли дигар аз сухан афтодаанд,***
***Баҳр галат кардаанд қофиясанҷони ӯ*** *[3, с.418].*

Дар ин қасида ҳам шоир барои муқаррар намудани мартабаи шоирӣ ба истеъдоди нодир ва мақому манзалати шеъри худ муроҷиат мекунад ва таъкид медорад, ки агар нусхае аз шеъри маро ба Уторид баранд, мақтаи шеъри ман матлаи девонаш гардад. Уторидро дар луғот ва осори куҳан котиб ё дабираи фалак донистаанд, ки ақлу илм ба он пайванд дорад. Чун ӯ китобати фалакро бар дӯш дорад, Назирӣ ба ин хотир таъкид мекунад, ки агар шеъри маро ба он ҷо ё ба назди ӯ баранд ҳамчун дабири фалак, дар китобат ва нигориш мақтаи шеъри ман, сарофози девони ӯ, сарчашмаи иншои он бигардад:

***Нусхаи шеъри маро гар ба Уторид баранд,***
***Мақтаи шеърам шавад матлаи девони ӯ*** *[3, с.418].*

Дар идомаи ин қасида Назирӣ таъкид мекунад, ки нуктаҳои мастонае, ки дар шеъри ман таҷассум ёфтаанд, агар адибе ё шоири дигар бисароядд, лавҳу қаламро ҳатто шогирду тифли дабистони ӯ бишканад, яъне бо ошноӣ ба шеъру сухан ва мартабати суханварии ман адибони дигар даст аз қаламу дафтар бардоранду шоириро як сӯ гузоранд:

***Нуктаи мастонаам гар бисарояд адиб,***
***Лавҳу қалам бишканад тифли дабистони ӯ*** *[3, с.418].*

Дар идомаи қасида Назирӣ атрфурӯшии бодро дар бӯстон ба он асос медонад, ки он бар варақи шеъри ман гӯшаи домонашонро судааст ва баробари ин, бароварда гардонидани хоҳишҳои инсониятро аз рӯи завқи хеш муқаррар месозад. Шоир таъкид мекунад, ки завқи ман қодир бар он аст, ки чошнии хони хоҳишҳои дигаронро муқаррар созад:

***Бод, ки дар бӯстон атрфурӯшӣ кунад,***
***Бар варақам судааст гӯшаи домони ӯ.***
***Ҳар кас аз ин боргоҳ хоҳиши худ мегирифт,***
***Зоиқаи ман шинохт чошнии хони ӯ*** *[3, с.418].*

Назирӣ ҳатто аз асари бадгӯиву носипосии дигар шоирони замони худ нороҳат намешавад ва таъкид мекунад, ки агар ҳар касе аз аҳли сухан ба дили ман нохун мезанад ё ба таъбири дигар боиси ранҷиши ман мешавад, аз он нигарон ё нороҳат намешавад, зеро он намаке, ки ӯ бар захми ман мезанад, баръакс захми маро хуш месозад. Аз ин маълум мешавад, ки шоир баръакс ин ҳама суханони ранҷовари аҳли суханро барои худ ҳамчун як рашку ҳасади онон қабул карда, баръакс аз он изҳори хушҳолӣ менамояд ва агар ноогоҳона гоҳе аз рӯи васвасаи хотир оби суханро тира кардаам, имрӯз шукр аз он дорам, ки он ҳам гузаштааст ва ҳоло чашмаи ҳайвони суханам равшан аст:

***Аҳли сухан нохуне бар дили ҳам мезаданд,***
***Захми маро хуш намуд гарди намакдони ӯ.***
***Васвасаи хотирам оби сухан тира дошт,***
***Шукр, кунун равшан аст чашмаи ҳайвони ӯ*** *[3, с.418].*

Дар ин ҷо ба мушоҳида мерасад, ки шоир бо корбурди тасвире парадоксӣ дар сурати хуш шудани захм аз гарди намакдон мазмунсозиҳои хешро баёни шоирона бахшидааст:

Дар идомаи чунин изҳори назарҳо, ки вазъи рӯзгор ва муносибати замонро ба шеъру шоирӣ муқаррар намудаанд, Назирӣ таъкид медорад, ки агарчӣ рӯзгор ба паймонаи ман захр мерезад, яъне маро озурдаву ранҷ медиҳад, вале ман дар дукони он шаҳдфурӯшӣ мекунам. Баръакси атои рӯзгор тавассути калом ва ашъори ҷаззоб барои аҳли рӯзгор шаҳд медиҳам ва сухани ширину гуворо мегӯям. Ба ифодаи Назирӣ ҳарчанд чиҳил сол ақл чанг ба ҷигари хора зад, яъне маро ранҷу азиятҳои фаровоне дод ё ҳунару ақли инсонӣ боис ба зарбаҳои зиндагонӣ гардид, аммо имрӯз самараи он кашфи нақб бар гавҳари кони ӯст, яъне тафаккур, андеша, ақлу ҳунари шоирии ман омил гардид, ки нақбе ба гавҳари сухан боз кунам, то барои абадияти номаш боис шавад:

***Гарчи ба паймонаам захр кунад рӯзгор,***
***Шаҳдфурӯшӣ кунам бар дари дуккони ӯ.***
***Ақл чиҳил сол чанг дар ҷигари хора зад,***
***Нақб кунун хӯрдааст бар гуҳари кони ӯ*** *[3, с.418].*

Шоир ишорат мекунад, ки бар садафи вуҷуди ман абри ҷуд файзи ҳунари шоирӣ рехтааст, ки ҳосили он ашъори ҷаззобест. Шукр аз он дорам, ки ҳоло ҳам жолаи найсони ин абри ҷуд намеистад. Ин ҷо Назирӣ аз абри лутфу иноят ва ҷуду сахои Офаридгор сухан мекунад, ки файзи ҳунари шоирӣ дар вуҷудаш рехтааст. Ба ин сабаб дар давоми қасида низ сухан аз он мекунад, ки агарчӣ гардун барои рехтани хуни ман қасд мекунад ва аз зиндагонӣ ранҷу азиятҳои фаровоне мебинам, вале дар ҷавоби он ман ҳамеша лаб ба мадҳ мекушоям, ҳатто агар дар таҳи зиндони он бошам ва ҳаргиз шикояте намекунам. Афзун бар ин, шоир аз он ҳам огоҳона сухан мекунад, ки агар гардун ба торҳои қалби ман захма мезанад, вале ман медонам, ки ин айби ман нест. Ягона ҷурми худро шоир дар ин мебинад, ки ӯ аз баракот ва инояти Офаридгор гӯйи сухан бурдааст, яъне шоири ҳунарманд аст ва дар ҷавоби хасми даҳр боз ҳам арзи ҳунар мекунад:

***Бо садафам абри ҷуд файзи ҳунар дидааст,***
***Боз намеистад жолаи найсони ӯ.***
***Гарчи ба хунрезиям дор занад осмон,***
***Мадҳсароӣ кунам дар таҳи зиндони ӯ.***
***Чарх, ки захмам занад, нест зи нуқсони ман,***
***Гӯйи сухан бурдаам аз хами чавгони ӯ.***
***Даҳр, ки хасмам шавад, кай зи қусури ман аст,***
***Арзи ҳунар кардаам бар сари майдони ӯ*** *[3,с. 418].*

Назирӣ мисли шоирони дигар гоҳо худро бо шинохт ва огоҳӣ аз камоли суханаш бо бузургони адабиёти гузаштааш баробар ва ҳатто болотар аз онҳо мегузорад. Аз ҷумла изҳор медорад, ки вақте ман сухан мекунам, пеши ман Саъдиву Масъуди Саъди Салмон оҷиз мемонанд. Дар ин маврид боз ҳам ба хотири аз ҳадди эътидоли ифтихор берун нарафтан, худро ба Хоқонӣ нисбат медиҳад ва ин ҳасрати хоқони худро ба ғайрати Хоқонии Шарвонӣ баробар месозад:

***Саъдию Саъдаш кианд, ман ки сухан оварам,***
***Ғайрати Хоқонияст ҳасрати хоқони ӯ*** *[3,с. 418].*

Дар ниҳояти матлаи мазкури қасида, ки дар васфи шеър аст, шоир бар он таъкид медорад, ки табъи ман дар сурудани қасоиди наътӣ ки ба мадҳи Паёмбари ислом суруда мешуданд, ба ҳадде барозанда аст, ки бар қади шоҳиди табъи ҳассониаш пироҳани Ҳазрати Муҳаммад [с] -ро мебинад. Бар қади Ҳассон гуфтани шоир ишорат ба шоири маъруфи қасидасаро дар замони Паёмбари ислом аст, ки дар қасидасароӣ дар мадҳи Расули Акрам [с] мақоми шоён доштааст. Назирӣ ҳам дар ин маврид, ки худ чанд қасида дар мадҳи Паёмбари Акрам [с] сурудааст, сухани худро боло мегузорад ва ҳатто таъби шоирии худро ба Ҳассон баробар мекунад, ки дар тани он пироҳани Мустафост:

***Шоҳиди табъи маро наът барозанда аст,***
***Пираҳани Мустафост бар қади Ҳассони ӯ*** *[3, с.418].*

Аз баҳсу баррасии ин қасидаи Назирӣ ҳувайдост, ки ӯ бар асоси баёни мулоҳизоти мазкур дидгоҳҳояшро дар бораи худи шеър, мақоми шоирияш дар замони худ ва ҷойгоҳи шоирон дар рӯзгор изҳор доштааст, ки дар умум афкори адабии шоирро низ ҷилвагар месозанд. Дар ин ҷо ба хотири муқобилаву муқоиса ҳатто гоҳе мақоми шоирии хешро болотар аз дигарон мегузорад. Албатта, ин шеваи баён ифодакунандаи ғурур ва нописандии шоирона нест, балки чунин равиши нақду баррасӣ дар адабиёти гузаштаи мо ривоҷ доштааст ва шоирон гоҳо ба хотири дифоъ аз мақоми адабии худ ин усулро ба кор бурдаанд.

Назирӣ дар мавридҳои дигар аз мақому манзалати шоирони гузаштаи мо бо иродату муҳаббат ёд мекунад ва шуҳрату шони хешро аз файзи таъсири он бузургон медонад. Аз ҷумла, нисбат ба Ҳофизи Шерозӣ чунин мегӯяд:

***То иқтидо ба Ҳофизи Шероз кардаем,***
***Гардида муқтадои ду олам каломи мо*** *[3, с.21].*

Маълум аст, ки дар навбати аввал Назирӣ аз иқтидову иродати хеш ба Ҳофиз сухан мекунад, ки омил ба муқтадои ду олам шудани каломи ӯ гардидааст, яъне истиқбол аз Ҳофизро як сабаби шуҳрати хеш ба шумор меоварад. Аз сӯи дигар, ба шеъри Ҳофизи Шерозӣ баҳои баланд дода, диду назари хоси хешро нисбат ба шеъри ӯ баён медорад, ки ин матлаб ба афкори адабии Назирӣ таъкид доранд. Баррасии ҷойгоҳи шоирон ва дидгоҳҳои хоси шоир нисбат ба онҳо дар девони Назирӣ мавзӯи баҳси ҷудогона аст ва ин ҷо намунае танҳо ба хотири муқаррар намудани як шеваи баёни афкори адабӣ ва назари хоси ӯ ба шеъри шоирон зикр кардем. Аммо таъкиди як нукта низ қобили таваҷҷӯҳ аст, ки таъсири сабкии Ҳофиз бар Назирӣ дар мақолае ҷудогона аз муҳаққиқе бо номи Муҳаммад Амири Машҳадӣ сурат гирифтааст [2].

Ҳамин тавр, баҳсу баррасии назари Назирии Нишопурӣ ба шеъру шоирӣ дар девони ӯ муқаррар месозад, ки шоир дар баробари суханварони дигар ба шеъру шоирӣ, ҷойгоҳ ва мақоми шоирон дар ҷомеа дидгоҳҳои хоси худро дорад, ки онҳо дар чанд нуктаи муҳим таҷассум ёфтаанд:

1.Назирӣ низ чун дигар шоирони гузаштаи мо дар бораи шеър назари хоси худро дорад, ки ҳам дар таркиби ғазалиёти ӯ ва ҳатто дар як бахши ҷудогонаи қасидае аз ӯ ба таври мустақил зери унвони дар васфи шеър баён шудаанд. Шоир шеърро бо таъбири шоирона “масеҳои дил” меномад, ки аз асари он вуҷуди инсонҳо ҷон мегирад ва руҳу равонаш лаззат мебарад. Аз ин рӯ, мушкилии фаҳм ва печидагиро ӯ аз айби шоирон намешуморад, зеро ин ба фаҳми хонанда марбут аст, ончунонки шоир нуктаи пинҳони шеърро оинаи фаҳм ба шумор меоварад.

2.Назирӣ ҳамеша ҷонибдори нававарӣ ва навгароӣ дар шеър аст, ҳатто дар ҳамон суннати хоси қасидасароӣ, ки ҳазорсолаҳо дар таърихи адабиёти Арабу Аҷам бо номи қасидаҳо дар мадҳи Паёмбари Акрам [с] давом кардаанд. Аз ин рӯ, ба шеъри нав меҳоҳад девони фикрҳои кӯҳнаро ҳатто дар ин қолаб бишӯяд ва ҳарфи тоза дар ин арса бигӯяд.

3.Назирӣ илҳоми шоириро дар мақоми поёнтар аз ваҳй мегузорад ва таъкид мекунад, ки ваҳй ва илҳом ҳар ду аз як сарчашмаанд. Ин ҷо равшан мешавад, ки ӯ ҷонибдори ҳамин назария аст, ки шеър маҳсули илҳоми ғайбӣ аст ва ба ин матлаб борҳо дар нисбати ашъори хеш низ таъкид мекунад.

4.Назирӣ дар муносибат ба шеъри худ низ дидгоҳҳои хосаашро баён медорад ва аз ҷумла таъкид медорад, ки ҳар ҷо агар каломи ӯро дӯстону наздикон бихонанд, устодони ман садҳо ифтихор аз ҳузури ман намоянд. Ин назарҳои шоир пеш аз ҳама сарчашма дар маърифат ва огоҳии худи гӯяндаи он доранд, ки дар шеъри гузаштаи мо намунаҳои он зиёд аст.

5.Назирӣ мақоми шоириро дар муносибат ба дигар суханварони гузаштаи адабиёти мо низ баррасӣ мекунад ва аз ҷумла файзу асари хешро аз каломи Ҳофизи Шерозӣ махсус таъкид медорад. Ин ҷо равшан мешавад, ки ӯ ҳам аз шеъри гузашта баҳравар шуданашро дар баробари навҷӯиҳо сарфи назар намекунад, баробари ин дидгоҳҳои адабии хешро роҷеъ ба шеъри бузургони адабиёти мо баён медорад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Арасту. Поэтика ё худ андар санъати шеъру шоирӣ. Аз забони русӣ тарҷумаи Истад Қосимзод/Арасту. – Душанбе: Бухоро, 2016. -120 с.
2. Машҳадӣ, Муҳаммад Амир. Таъсирпазирии сабкии Назирӣ аз Ҳофиз//Куҳанномаи адаби порсӣ. Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолеоти фарҳангӣ. Соли дувум, шумораи дувум. Поиз ва зимистони соли 1390.-С. 115-139.
3. Нишопурӣ, Назирӣ. Бо муқаддима тасҳеҳ ва танзим ва ҷамъ ва тадвини Мазоҳири Мусаффо/Н.Нишопурӣ.- Теҳрон: Нигоҳ. 1379.-676с.
4. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсу тоҷикӣ/ Абдунабӣ Сатторзода/А.Сатторзода.–Душанбе: Адиб, 2001.–144 с.
5. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Таҳияи Абдуҷаббори Суруш/К.Хуҷандӣ.–Хуҷанд: Хуросон, 2015.–1292 с.
6. Шарифов, Х. Шоир ва шеър/Х. Шарифов. -Душанбе. 1998. -218 с.
7. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон. Таҳияи матн аз Шарифмурод Исрофилниё/Ҳ.Шерозӣ.–Душанбе: Адиб, 2015.– 480с.


**REFERENCES:**


1. Aristotle. Poetics or its Art of Poetry. Translated from the Russian by Istad Qosimzod / Aristotle. - Dushanbe: Bukhara, 2016. - 120 p.
2. Mashhadi, Muhammad Amir. The Influence of Naziri`s Style on Hafiz // Chronicle of Persian Literature. The Institute of Humanities and Cultural Studies. The second year and the second issue. Autumn and Winter. 1390. - P. 115 - 139.
3. Nishopuri, Naziri. With introduction, correction and arrangement and collection, compilation of Mazahir Musaffo / N. Nishopuri. - Tehran: View, 1379. – 676 p.
4. Sattorzoda, Abdunabi. The History of Persian-Tajik Theoratical Literature / Abdunabi Sattorzoda / A. Sattorzoda. - Dushanbe: Man-of-Letters, 2001. - 144 p.
5. Khujandi, Kamol. Devon. Prepared by Abdujabbor Surush / K. Khujandi. - Khujand: Khuroson, 2015. - 1292 p.
6. Sharifov, Kh. Poet and Poem / Kh. Sharifov. – Dushanbe, 1998. - 218 p.
7. Sherozi, Hafiz. Devon. Prepared by Sharifmurod Isrofilniyo / H. Sherozi. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2015. - 480 p.